Мое 63.3
С-13



# СУМБОДИ МУҒ

## ҲАЗРАТ САБОҲӢ

# СУМБОДИ МУҒ

*(Аз силсилаи «Симоҳои ҷовид»)*

Душанбе
«Адиб»
2009

Муҳаррир **Ю. Аҳмадзода**
Масаввир **А. Абдуллоев**



ISBN 978-99947-57-95-4

© Ҳазрат Сабоҳӣ, 2009

Чӣ қадар лашкаркашони ватандӯсти моро душман ба ҳила нобуд кардааст!

Онҳо ҳама мардони далер буданд, дилу нияти пок доштанд ва гарна ба қасаму ваъдаҳои душман бовар намекарданд.

Қаҳрамони дигари халқи тоҷик Сумбоди Муғ низ қурбони қасами дурӯғини душман шуд.

Ин қисса маҳз аз ҳамин хусус аст.

Соли 756 буд. Сумбоди Муғ шӯриши худ-ро бар муқобили арабҳо дар шаҳри Ҳирот оғоз дод. Шӯришгаронро сурхаламон мегуф-танд, чунки ҳама гирди сари худ банди сурх баста буданд.

– Интиқом мегирем!—хитоб мекард Сум-боди Муғ. –Истилогарон беҳтарин фарзандо-ни Суғдро куштанд. Мо қасоси онҳоро меси-тонем!

– Интиқом! Интиқом! Интиқом! – сартоса-ри Ҳирот шунида мешуд ин сухан.



Шӯришгарон аввал волии Ҳиротро аз тахт сарнагун карданд, чунки вай хушомадгӯйи арабҳо буд, ба халқ ҷабр мекард. Волии Ҳирот Сумбоди Муғ таъйин шуд. Ӯ амр кард, ки ба Балху Бодгису Марву Нишопур ва Хатлону Бухоро қосид фиристанд. Қосидон аҳли ин шаҳрҳоро ба шӯриш даъват кунанд. Ва ҳамин тавр ҳам шуд: ба зудӣ мавҷи ошӯб Мовароуннаҳру Хуросонро фаро гирифт.

Арабҳо шикаст хурданд!

Овозаи ин шикаст ба гӯши халифа Абӯҷаъфар ал-Мансур расид. Абӯҷаъфар андешид, ки бар шӯришғарон ғолиб омада наметавонад. Вай роҳи ҳиларо пеш гирифт. Ба назди Сумбоди Муғ сафирон фиристод. Сафирон ґуфтанд:

– Халифа қувваи шуморо эътироф мекунад. Ба номи «Қуръон»-и шариф қасам мехӯрад, ки агар шӯришгаронро ором кунед, ӯ Хуросонро ба шумо месупорад.

Сумбоди Муғ андешид, ба худ гуфт, ки ха-

лифа ба номи «Қуръон» қасам хӯрда бошад, дурӯғ намегӯяд. «Қуръон» китоби муқаддас аст, чунонки барои мо «Авасто» муқаддас аст ва қасам ба номи ин китоб қасами ношикастанист.

Баъд Сумбоди Муғ пурсид:

– Ман бояд чӣ кор кунам?

Сафирон гуфтанд:

– Халифа Шуморо ба ҳузури худ мехонад. Ӯ ҳамаашро ба Шумо мефаҳмонад.

Сумбоди Муғ ба назди халифа рафт. Халифа ӯро хуш пазируфт. Ба муносибати ташрифи ӯ зиёфат дод. Вале шабона вақте ки Сумбоди Муғ ба хоб рафт, ба ҷаллодон амр дод, ки ӯро ба қатл расонанд.

Ҳамин тавр Сумбоди қаҳрамон кушта шуд, аммо шӯриш шикаст нахӯрд. Оташи қаҳру ғазаби мардум баланд шуд. Устод Сис, ки аз аҳли Систон буд, сарварии шӯришро бар ӯҳдаи худ гирифт.



**Ҳазрат Сабоҳӣ**

# СУМБОДИ МУҒ

*(Барои кӯдакони синни хурд ва синфҳои ибтидоӣ)*


Муҳаррири ороиш **Р. Шералӣ**
Муҳаррири саҳифабандӣ. **М.Саидова**
Ҳуруфчини компутерӣ **Р. Атоева**

Ба матбаа17.08.09 таҳвил гардид. Чопаш 03.09.09
ба имзо расид. Андозаи 60х841/16. Коғаз ва чопи офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи чопӣ 0,5. Адади нашр 3000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи С/И «Маҳмудҷон» чоп шудааст.
734025, ш.Душанбе, ноҳияи Рудакӣ, кӯчаи Зафар.
Тел.: 919 94 80 80